**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Саидғанизода Саидсултонхон зери унвони "Хусусиятҳои бадеӣ ва услубии насри Аҳмади Ғаззолӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори PhD – доктор аз рӯи ихтисоси 6D 021400 - Адабиётшиносӣ, 6D 021403- Таърихи адабиёт, равобити адабӣ – ш.Хуҷанд, 2023. -180с.**

Қисми бештари сарвати адабии форсу тоҷики асрҳои миёнаро осори манзум ташкил менамояд. Аз ин рӯ ағлаби муҳаққиқони муосири иронӣ, афғону тоҷик ва ҳатто ҳинду ва аврупоӣ ба таҳқиқи назму шеъри форсиву тоҷикӣ майлу ҳавас доранд. Вале ба ҳамаи аҳли илму адаб маълум аст, ки қисми бузурги ин сарватро осори сершумори мансур низ таквин медиҳад, ки ҳам ба забони арабӣ ва ҳам форсии тоҷикӣ таълиф ёфтааст. Дар тадқиқу баррасии ин осори гаронбаҳои мансур саҳми адабиётшиносони иронӣ, бемуболиға, хеле бузург аст. Дар солҳои охир саҳми адабиётшиносони тоҷик дар майдони тадқиқу омӯзиши осори мансури классикӣ саҳми худро гузоштаанд ва гузошта истодаанд. Назарияи насрро низ ба мо устоди марҳум Худоӣ Шарифзода ба мерос мондаанд. Метавон бо камоли эҳтиром номҳои адабиётшиносон, аз ҷумла адабиётшиносони тоҷик, ба монанди А. Насриддинов, Н. Салимов, У. Ғаффорова, Н. Зоҳидӣ, Ф. Насриддинов, Н. Ҳамрабоев, М. Очилова, М. Анварова, М. Оқилова, А. Ғафуров ва баъзеи дигаронро ба забон гирифт.

Инак, имрӯз ба сафи муҳаққиқони насри классики тоҷик боз як олими ҷавони лаёқатманд Саидсултонхон Саидғанизода ворид мешавад, ки рисолаи илмии ӯ ба тадқиқи хусусиятҳои бадеӣ ва услубии яке аз адибони дузабонаи форсу тоҷик, фақиҳу олими забардаст ва орифу суханвари тавоно Абулфутуҳ Аҳмади Ғаззолӣ бахшида шудааст.

Пеш аз ҳама бояд қайд кард, ки С. Саидғанизода бо омодагии комил ба тадқиқу ҳалли мавзуи интихобкардааш наздик шудааст. Далели ин пухтагии диссертант, масалан, дар он зоҳир шудааст, ки ӯ номи нисбаи қаҳрамони

асари худро комилан дуруст сабт кардааст: “Ғаззолӣ” Ман шахсан борҳо дидаам, ки муаллифони тоҷику рус ва ҳатто аврупоиён ин нисбаи ӯро “Ғазалӣ” сабт кардаанд. Ва ҳатто он муҳаққиқоне, ки дар бораи рӯзгор ва осори Ғаззолӣ мақолаҳо навиштаанд, намедонанд, ки дар чи асос чунин шаклро интихоб намудаанд: аз калимаи “ғазал”, “ғизол”, ё “ғаззол”, яъне “пашмрес”. Дар ин маврид тақтеъи як байти зебо ҳамаи масъаларо равшан месозад:

Ҳар вазиру олиму шоир, ки ӯ тусӣ бувад,
Чун Низомулмулку Ғаззоливу Фирдавсӣ бувад.

Ман дар ин тақризи кутоҳ дар бораи мазмуну мухтавои муқаддима, бобу фаслҳои рисола батафсил сухан намеронам ва танҳо дар бораи муваффақият ва бозёфтҳои илмии диссертант таваққуф хоҳам кард.

Мавзуи мавриди назари диссертант аз он ҷиҳат ҷолиб аст, ки дар бораи Абуҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ, бародари калонии Аҳмади Ғаззолӣ, дар ҷаҳон рисолаву китобу мақолаҳои зиёде таълиф гардидааст ва рӯзгору осору андешаҳои иҷтимоию сиёсӣ ва илмию ирфониаш мавриди баҳсу мунозираҳои бешумор гардидааст. Аз ин ҷост, ки шуҳрати Абуҳомид Ғаззолӣ ба маротиб васеъ аст. Дар Тоҷикистони мо агар дар бораи Абуҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ чанд китоб бо кӯшишу заҳмати доктори улуми фалсафа А. Шимолов нашр шуда бошад, танҳо як рисолаи номзадии Ш. Т. Амирхонов “Перомуни назариёти фалсафию ахлоқӣ дар тасаввуфи Аҳмади Ғаззолӣ” соли 2011 ҳимоя шудаасту, як мақолаи марҳум А. Муҳаммадхуҷаев дар “Донишномаи советии тоҷик” соли 1986 ба табъ расидааст. Аз ин рӯ рисолаи илмии С. Саидғанизодаро метавон як падидаи нав дар ғаззолишиносӣ ва сухани тоза дар омӯзиши насри тасаввуфии форсу тоҷик эътироф кард. Дар рисола дар асари Аҳмади Ғаззолӣ мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифтааст, ки ҳар яке аз таълифоте мебошад, ки аз ҷониби ҳамасрони муаллиф ва адибону олимони минбаъда ба баҳои олӣ сазовор гардид. Рисолаи аввал “Савонеҳ ал-ушшоқ” ном дошта, бино бар қавли муаллифи диссертатсия яке аз шоҳкориҳои беназири Аҳмади Ғаззолӣ буда, писандатарин осори мансури

ирфонии форсии тоҷик ба шумор меравад, зеро дар тариқаи китобҳо бештар ба забони тозӣ иншо мешуд ва форсизабононро аз он зиёд фоида намерасид (с. 57). Рисолаи дуюм ба номи “Рисолат ут-туюр” (“Рисолаи мурғон”) бештар машҳур аст ва дигар адибони асрҳои миёнаи форсу тоҷик дар пайравии он асарҳои пурарзиши адабию фалсафӣ ва ирфонӣ эҷод кардаанд.

Муқаддимаи диссертатсия тақлидӣ ё хуб анъанавӣ буда, дар бобҳои аввал дар бораи ҳаёти сиёсӣ, вазъияти иҷтимоӣ ва илмиву фарҳангии замони Аҳмади Ғаззолӣ, заминаҳои таърихӣ ва иҷтимоии пайдоиши адабист ва осори орифона дар асрҳои XI-XII, ҳамчунин оиди зиндагинома ва мероси адабии Аҳмади Ғаззолӣ муфассал сухан меравад.

Боби дуюм бештар дар бораи сохтору муҳтавои он ду рисолаи мазкур, яъне “Савонеҳ ул-ушшоқ” ва “Рисолат ут-туюр”, баҳс мекунад. Вале ин ҷо барои диссертант бояд бигӯем, ки номбар кардани рамзу рақамҳои нусхаҳои “Савонеҳ ул-ушшоқ” ва “Рисолат ут-туюр” бемавқеъ ва нолозим аст (с. 55-57), зеро маълумот аз китобҳои хеле кӯҳна бардошта шудааст ва мутағаййир мебошад. Масалан, диссертант навиштааст ки нусхаи “Савонеҳ” зери фалон рақам дар китобхонаи Аёсуфияи Туркия маҳфуз аст ва ҳол он ки Аёсуфия, ки калисои масеҳиёни Рум буд, ва баъди футуҳоти мусулмонӣ, масҷиди мусулмонон шуд ва пас аз он ба китобхона мубаддал гашт. Ва инак, панҷоҳ-шаст сол шуд ки Аёсуфия боз масҷиди муштарак, яъне нисфаш ба намозгоҳи мусулмонон ва нисфи дигараш барои зиёрати сайёҳони масеҳӣ дода шуд, то сайёҳони масеҳии тамоми ҷаҳон онро тамошо намоянд.

Маълумоти дигаре, ки мухтасаран дар бораи нусхаҳои хаттии ду асари номбурда оварда шудааст нофаҳмо ва пурғалат мебошад. Масалан, китобхонаи Купарвале нест, Кюбрюлю аст (с. 55-57). С. Саидғанизода сабаби таълифи “Савонеҳ ул-ушшоқ” – ро шарҳ дода, онро асари насри омехта ба назм меномад, ки ба масъалаҳои ишқ, ошиқу маъшук аз диди суфиёна сухан мегӯяд. Ӯ назарҳои орифон ва соҳибқаламонро дар бораи ин асар накл мекунад ва аз каломи онҳо оиди он иқтибосҳо меорад. Дар миёни ин бузургворони илму адаби мо номҳои Изуддини Маҳмуди Кошонӣ, Мавлоно

Абдураҳмони Ҷомӣ, Тақиюддини Авҳадӣ Козерунӣ ва дигаронро меорад. Чунончи, Мавлоно Ҷомӣ оид ба эҷодиёти Аҳмади Ғаззолӣ чунин навиштааст: "Таснифот ва таълифот муътабар ва рисолаи беназир дорад ва яке аз онҳо рисоали "Савонеҳ ул-ушшоқ" аст". Ин суханҳои Ҷомиро такрор карда, Амин Аҳмади Розӣ илова менамояд, ки "Ламаот"-и Шайх Фахриддини Ироқӣ бар гунаи "Савонеҳ" воқеъ шуд. (с.59).

Гарчанде "Савонеҳ" ба забони ноби форсии тоҷикӣ офарида шуда бошад, ҳам, овозаи он миёни аҳлу илму адабу ирфони тозизабончунон паҳн гашт, ки онҳо майли шинос шудан бо онро пайдо карданд. Аз ин рӯ, ба фикрам, донистани таваҷҷуҳи арабизабонон ба ин китоби барҷаста барои тоҷикон аз аҳамият холӣ набояд бошад.

Дар муқаддимаи "Савонеҳ", ки ба қалами таҳиякунандаи "Маҷмуаи осори форсии Аҳмади Ғаззолӣ" доктор Аҳмад Муҷоҳид чунин омадааст: "Марҳум доктор Абдулваҳҳоб Аззом, раиси асбақи Донишкадаи адабиёти Донишгоҳи Қоҳира дар боби китоби "Савонеҳ" чунин менависад: "Дар забони арабӣ китобҳои зиёде дар боби ишқи башарӣ ва ишқи илоҳӣ шинохта шуда... Аммо "Савонеҳ"-и Ғаззолӣ баёнкунандаи масоили ғомизи рӯҳӣ дар ишқ аст. Ва дар ин китоб ишқи илоҳӣ ғалаба дорад. Дар ин китоб алфози мусталаҳ байни мардум наметавонад маъоние, ки дар он мебошад, баён намояд. Ва аз ин ҷиҳат нақли матолиби ин китоб барои дигаре заҳмат дорад ва осон нест. Аз ин рӯ ибораги китоб мушкил аст ва шояд худи Ғаззолӣ нахостааст, ки тавзиҳи бештаре диҳад. Ва аз он ҷое ин китоби Аҳмади Ғаззолӣ шоистаи назар ва тааммулу тафаккур мебошад, ин буд ки мо тасмим тарҷума ва нашри он гирифтем". Ба хотири шарҳу тафҳими мазмуну муҳтавои "Савонеҳ" ба аҳли илм аз арабзабонҳо доктор Абдулваҳҳоб Аззом пораҳоеро аз он ба арабӣ тарҷума ва нашр кардааст.

Шуҳрати "Савонеҳ" байни уламову удаба ва аҳли таҳқиқ ба андозае будааст, ки онро ба якчанд забони шарқӣ ва аврупоӣ тарҷума ва чоп кардаанд. Аз ин рӯ диссертант бо ҳавсалаи тамом номҳо ва гуфторҳои ҳамаи бузургони илму адаб аз Шарқу Ғарбро, ки ба ин асари Аҳмади Ғазоли баҳои

баланд додаанд, зикр намудааст. Ҳамчунин ӯ номҳои шореҳону муфассирони "Савонеҳ"-ро хеле муфассал сабт карда, айни замон ашхосеро, ки дар пайравӣ аз ин асари Аҳмади Ғаззолӣ китобу рисолаҳо таълиф намудаанд номбар мекунад ва аҳамияти илмию адабии онҳоро нишон медиҳад. Ҳамин кори мушкилро С. Саидғанизода нисбати асари дигари Аҳмади Ғаззолӣ, ки "Рисолат ат-туюр" ном дошта, мавриди баррасии худ қарор додааст, ба анҷом расонидааст. Кори ҷолиберо, ки диссертант дар рисолааш иҷро намудааст, таъсирпазирии баъзе суханварони номии форсу тоҷикро аз "Рисолат ат-туюр"-и Аҳмади Ғаззолӣ нишон додааст. Аз ҷумла мутаассир гаштани Аттори Нишопуриро аз ин рисола дар як фасли ҷудогона тавсиф намудааст.

Ба ин муносабат метавон изҳор дошт, ки агар С. Саидғанизода барои кори диссертатсионии худ танҳо таҳлили хусусиятҳои бадеӣ ва услубии "Савонеҳ ул-ушшоқ" ё ҳадафи худро таҳлили "Рисолат ат-туюр" дар муқоиса бо асарҳои ҳамноми дигар классикони адабиёти форсу тоҷикро ихтиёр мекард, ҳардуи ин асар барои мавзуи рисолаи алоҳидаи илмии тадқиқотӣ меарзад. Вале ба ҳар ҳол С. Саидғанизода бо интихоби ин ду асари ҷудогона кори хеле вазнинро бар души худ гузаштааст ва рисолаи илмии ӯ нишон медиҳад, ки бо як ҷуръату ҷасорати олимона ин кори бисёр душвору мураккабро бомуваффақият анҷом додааст, ки сазовори офарину таҳсин аст.

Таъкиди диссертант оиди истифодаи фаровони намунаҳо аз оёти қуръониву ҳадиси набавӣ дар "Савонеҳ" ва "Рисолат ут-туюр" бисёр бамаврид аст. Ва ҳамчунин иқтибосот аз шеъру мақолу зарбулмасалҳои арабӣ дар ҳарду асар аз абёти шуарои форсу тоҷик, маъсалаҳои халқии мардуми форсизабон камтар аст. Қобили зикр аст, ки иқтибосоти шеъри арабӣ аз тарафи ӯ аксаран дуруст тарҷума ва шарҳ дода шудаанд.

С. Саидғанизода дар як маврид саҳеҳ қайд мекунад, ки "монанди бисёре аз суфиён Аҳмади Ғаззолӣ низ аз табъи шоирӣ бархурдор буд. Ҳарчанд девони шеъре аз худ нагузошта бошад ҳам ва наметавон ӯро ба маънии комил як "шоир" ба шумор овард, завқ ва ҳунари шоирии вай равшан ҳувайдост, ва гоҳе ба муносибати ҳол абёте форсӣ ва арабӣ

месуруд (с.135). Вале дар як байти самимии худ, ки дар “Айния” ном асари диграш оварда шудааст, Аҳмади Ғаззолӣ хоксорона эътироф мекунад.

Ҳар дилшудае шеъри диловез нагӯяд,<br>Ҳар гумшудае роҳи харобот напӯяд. [1]

Аз ҳамон асаре, ки ба шогирду пайрави худ Айн ал-қузоти Ҳамадонӣ бахшидааст, маълум мегардад, ки Аҳмади Ғаззолӣ ба санъати тарҷумаи шеъри арабӣ ба форсӣ ё аз форсӣ ба арабӣ завқу майли тамом доштааст. Барои мисол мо як намунаро меорем, ки барои аксари шеърдӯстони тоҷик маълум аст.

Шаб рафту ҳадиси мо ба поён нарасид,<br>Шабро чи гунаҳ, қиссаи мо буд дароз.

Тарҷумаи арабии байт:

اللّيل مَضَى وَمَا انْقَضَتْ قِصَّتُنَا<br>لَا ذَنْبَ لَهُ، حَدِيثُنَا طَالَ وَطَالَ

Агар С. Саидғанизода ба ин ҷанбаи ҳунари Аҳмади Ғаззолӣ як таваҷҷуҳ мекард бо ин шоиру адиби дузабона будани ӯро нишон медод, нуран ало нур мешуд. Ингуна мисолҳо дар “Савонеҳ” низ зиёданд.

Ҳамчунин диссертант маҳорати Аҳмади Ғаззолиро дар истифодаи саноеъи бадеӣ, луғату истилоҳоти ирфонӣ хеле хуб нишон медиҳад. Аз ҷумла ӯ бо мисолҳои аниқ санъатҳои ташбеҳи содда, мураккаб, ташбеҳи тамсил, истиора, киноя, такрор, таҷнис. Ба ғайр аз ин диссертант насри ӯро насри сода ва сабкашро сабки хуросонӣ муаррифӣ мекунад. Ӯ мазмуни рамзҳои ирфониро, ки дар “Савонеҳ” ва “Рисолат ат-тунар” истифода шудаанд, ба монанди “иттиҳод”, “таквин” ва”тамкин”, “ишқ”, “фано”, “худ”, “дил”, “завқ”, “ғайрат”, “фақр”, “маломат”, “вақт” ва ғайраро кушода медиҳад.

---

[1] Маҷмӯаи осори форсии Аҳмади Ғаззолӣ. Ба эҳтимоми Аҳмади Муҷоҳид. – Муассисаи интишорот ва чапи Донишгоҳи Теҳрон. Шаҳривар 1370. -с.209.

Ҳар боби рисолаи имлии С. Саидғанизода хулосаҳои худро дорад, ки андешаҳои ӯро перомуни муҳтавои ҳар боб ба шакли мӯҷазу иҷмолӣ баён мекунад.

Умуман, метавон гуфт, ки мо шоҳиди пайдо шудани як рисолаи мазмунан тозае дар адабиётшиносии муосири тоҷик шуда истодаем, ки баъд аз ҳимоя ва ба нашр омода шудани он мутахассисони соҳа ва умуман дӯстдорони адабиёт фикру ақидаҳояшонро дар бораи ин рисола иброз хоҳанд кард.

Мо бошем ба ҳайси муқаррризи расмӣ мехостем таъкид намоем, ки ин кори илмӣ низ ба сабаби навии мавзуъ ва мазмун, ва ҷавонию камтаҷрибагии муаллиф аз баъзе нуқсону норасоиҳо холӣ нест ва ислоҳи камбудиҳои мавҷуда арзишу аҳаммияти рисоларо ба маротиб баланд хоҳад бардошт.

1. Ҳар як аз ин ду рисолаи Аҳмади Ғаззолӣ меарзид дар диссертатсияи ҷудогона мавриди тадқиқи алоҳида қарор гирад.

2. Чанд китоби бисёр муҳим аз назари диссертант соқит шудааст, ки аз ҳама муҳимтаринҳояш инҳоянд:

а) Устод аллома Ҷалолуддин Ҳумоӣ, Ғаззолинома. Теҳрон, 1987; б) ас-Сибоӣ. ан-Наср ал-форсӣ, ал-Қоҳира, 1978; Зарринкуб А. Фирор аз мадраса.-Теҳрон, 1386; Даромаде бар кашокаши Ғаззолӣ бо исмоилиён. Маҷмуаи мақолаҳо Муҳаммадкарим Зинҷониасл. -Теҳрон, 1383.

3. Баъзе иштибоҳот ба чашм мерасад, мисли он ки ҳам дар диссертатсия ва ҳам фишурдаи он шарқшиноси машҳури англис Эдвард Браун дар радифи шарқшиноси шӯравӣ ном бурда шудааст (с.6).

4. Асарҳои маъруфи Муҳаммад Авфии Бухороӣ бо номи "Лубоб ал-албоб" ва "Ҷавомеъ ал-ҳикоёт ва лавомеъ ар-ривоёт" ҳамчун моли кадом як Анварӣ муаррифӣ шудаанд. Ғалатҳои техникӣ низ ба назар мерасанд, мисли "Фututномаи султонӣ" ба ҷои "Футувватномаи султонӣ" ва ғ.

5. Номи Ғаззолӣ, як ҷо Ғазолӣ, як ҷо Айнул қузат, ҷои дигар Айнулқуззат ва ғайра.

Лекин ба шакли умум Саидсултонхон Саидғанизода, бемуболаға ба ин рисолааш як нуктаи хеле ҳассосу ноомӯхтаро дар адабиётшиносӣ ва арабшиносии муосири тоҷик равшан сохта, дар тадқиқи вазъияти таърихию иҷтимоӣ, рӯзгор ва осори яке аз адибон ва олимону орифони камшинохтаи форсу тоҷик Маҷдуддин Абулфутуҳ Аҳмад ибни Муҳаммад ибн Муҳаммад Ғаззолӣ саҳми арзандаи илмӣ гузошта, бо ҳамин исбот намуданд, ки олими ба камолрасида ҳастанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи диссертант ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ мебошад.

Қайд намудан зарур аст, ки диссертант Саидғанизода Саидсултонхон сазовори дараҷаи илмии доктори PhD-доктор аз рӯи ихтисоси 6D021400-адабиётшиносӣ ва 6D021403-Таърихи адабиёт, равобити адабӣ мебошанд.

**Муқаррizi расмӣ:**
доктори илми филология,
сарходими илмии шуъбаи
Шарқи Миёна ва Наздики
Институти Осиё ва Аврупои
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Тоҷиддин Мардонӣ
01.06.2023.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33.
Институти омӯзиши масъалаҳои
давлатҳои Осиё ва Аврупои
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.
Тел.: +992 (918) 61-85-23;
E-mail: rakesh-23@mail.ru

Имзои Мардонӣ Т.Н.-ро тасдиқ
мекунам, нозири кадри Институт Зуҳуров А.
Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33.
Институти омӯзиши масъалаҳои
давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон.
Тел.: +992 (987) 66-57-37;
E-mail: zuhuri_81@mail.ru